МОДУЛИ 9

Мавзӯи лексия. Хусусиятҳои инкишофи психика дар давраи тифлӣ.
1.Давраи тифлӣ.
2.Хусусиятҳои инкишофи анатомӣ-физиологӣ ва психологии давраи тифлӣ.
3.Муносибати эмотсионалии кӯдак бо калонсолон.
4.Комёбиҳои муҳими давраи тифлӣ.
5.Хусусиятҳои инкишофи фаъолиятҳои психикӣ.

Хусусиятҳои инкишофи психологии кӯдакони давраи тифлӣ

Вазни майнаи сари кӯдаки навзод 360-400 граммро ташкил мекунад. То охири як солагӣ вазни майнаи сар ба 850-900 грамм мерасад. Вазни кӯдаки навзод ба 2.5-3.5 кг баробар аст. Дар охири як солагӣ ба 9-10 кг мерасад. Қади кӯдак 50-52 см-ро ташкил мекунад, вале то як солагӣ ба 80-85 см мерасад.

Гуфтан лозим аст, ки давраи навзодӣ аз рӯзи таваллуд то 2.5 моҳагии кӯдакро дар бар мегирад. Фарзанди инсон ҳамчун ҷисми заиф ба дунё меояд ва ӯ ба тарбияи волидайн ва мураббия талаботи табиӣ дорад. Ӯ ҳоло мустақилият ба даст наовардааст ва ба тарбияю оғӯши гарми модар, меҳру шавқат, раҳму риё ва навозиши пурмеҳри ӯ талаби зиёд дорад.

Ғайр аз ин кӯдак бе ёрии калонсолон ягон талаботи худро қонеъ карда наметавонад. Дар аввалҳои 2 моҳагӣ дар кӯдак қобилияти муттамарказонии узвҳои биноӣ ва шунавоӣ дар зери таъсири ангезандаҳои берунӣ шакл мегирад. Бинобар ин, яке аз шартҳои мӯътадил инкишофёбии майнаи сар дар давраи навзодӣ ба кори фаъоли анализаторҳои биноӣ ва шунавоӣ вобаста мебошад.

Дар 2-3 моҳагӣ дар кӯдак элементҳои идрок, хотир ва ҳиссиёт шакл мегирад. Кӯдак бо дидани модар ӯро аз овоз, сару либос ва қиёфааш мешиносад. Бо дидани модар кӯдак ҳисси қаноатмандӣ зоҳир мекунад, садо мебарорад ва дар қиёфаи ӯ ҳисси хурсандӣ зоҳир мешавад. Дар ҳолати дидани модар ё шахси калонсол оҳиста – оҳиста «комплекси ба ҷӯшу хурӯшоӣ» шакл мегирад.

Давраи тифлӣ аз 1-2 моҳагӣ то як солагиро дар бар мегирад. Яке аз шаклҳои муошироти давраи инкишофи тифлӣ фаъолияти якҷояи калонсолону тифлон мебошад. Дар рафти муошироти байни ҳамдигарии

тифлону калонсолон имконияти инкишоф ёфтани аввалин нишонаҳои нутқ ба вуҷуд меояд. Дар охири як солагӣ кӯдак маънои калимаҳое, ки ба қаноаткунонии талаботҳояш вобаста аст, онҳоро мефаҳмад ва дар рафти муошироти нутқӣ истифода мебарад. Масалан, калимаҳои: «модар – оча», «гир», «биё», «те», «об», «нон», «гарм» ва ғайра.

Дар 1.5 моҳагӣ кӯдак сарашро нигоҳ дошта, ба тарафи садо нигоҳ мекардагӣ мешавад. Дар 2-2.5 моҳагӣ тифл бозичаҳои серрангро идрок мекунад ва рӯяшро ба тарафи онҳо мегардонад. Дар 2-2.5 моҳагӣ рӯяшро ба тарафи манбаи овоз менигаронад.

Дар 4-4.5 моҳагӣ кӯдак модарашро пурра мешиносад. Агар аз дасти ӯ калонсол бо ду даст дорад, ӯ муддате рост истода метавонад.

Дар 5-5.5 моҳагӣ кӯдак бе такягоҳ ва бе аз дастони ӯ нигоҳ доштани калонсол амали нишастанро ёд мегирад. Инчунин аз ҳолати ба шикам хоб рафтан, ба пушт, ба тарафи чапу рост ҳаракат карда, бо як дасташ предметро дошта ба ин ё он тараф алвонҷ медиҳад, бозичаи аз дасташ афтидаро мебардорад.

Кӯдак дар 6-7 моҳагӣ гавак кашида ба ин ё он тараф ҳаракат мекунад.

Дар 9-10 моҳагӣ кӯдак амали қоматро рост гирифта истоданро ёд мегирад.

Дар 10.5-11 моҳагӣ кӯдак бе ёрии калонсолон роҳ мегардад. Дар охирҳои давраи тифлӣ кӯдак ба амалу рафтор, тарзҳои сухангӯӣ, сару либоспушӣ, феълу атвори калонсолон, волидайн нигоҳ карда пайравӣ мекунад. Дар охири як солагӣ кӯдак аз нутқ ҳамчун воситаи муошират истифода мебарад.

Хусусиятхои инкишофи психикаи кӯдак давраи тифли (2-3 моха то 1 сола)

1. Инкишофи фаъолияти пешбаранда – муоширати эмотсионали.

Хаёти кудакто як солаги пурра аз шахси калонсол вобаста аст. Калонсол кудакро нигохубин ва навозиш мекунад, яъне бо кудак муошират мекунад. Дар рафти муоширати байни калонсол ва кудак инкишоф ба вучуд меояд. Кудак хиссиёт ва эмотсияи калонсолро мефахмад, нутки онхоро фахмида хурсанд мешавад.сухани ширинро аз суханидагал фарк мекунад. Калонсол муносибати худро бо харакатхои эмотсионали баён мекунад. Ба огуш мегирад, сила мекунад, буса мекунад хамаи эмотсияхо бояд мусби бошад.
2. Инкишофи ангуштони даст ва манипулятсия. Дар кудакон идрок

инкишоф меёбад. Идрок асоси инкишофи маърифатии кудак ба хисоб меравад.идроки кудак дар вакти дидан ва шунидани ашёхо инкишоф меёбад. Дар аввал кудак ашёро мебинад, аммо азназар гузаронида наметавонад. бо дастонупойхо харакат карда хушхолии худро баён мекунад ба тарафхои гуногун баданашро мегардонад. Дар 6 мохаги ашёхои атрофро бо даст мекапад,. Бо даст капида ба дахон мебарад дар 5-6 мохаги ба ранг ва садом ашё диккат медихад. Байни анализаторхои бинои ва харакат координатсия ба вучуд меояд. Бо даст капидан дар ду зина инкишоф меёбад. 1. Дагалона- кудак дасташро ба ашё дароз карда ба тарафаш мекашад у фарк намекунад, ки ашё калон, хурд, мулоим ва сахт аст. 2. Капидани махсус- у мефахмад, ки ашёи калонро бо 2 даст ва хурдро бо ду ангушт капидан лозим аст.

Дар асоси бо даст капидан кудак фаъолияти амали- яъне манипулятсияро азхуд мекунад, ки дар инкишофи психикаи кудак мавкеи хосаро ишгол мекунад. То 1 солаги кудак чунин амалхоро бо даст ичро мекунад: ашёро ба замин мезанад, меафшонад, ба дахон мебарад, мепартояд – хамаи ин амалхо дар инкишофи психикии кудак тагиротхои куллиро ба вучуд меорад. Ба воситаи ин харакатхо дар бораи хусусиятхои ашёхо: мулоими, сахти, тези, хунуки, гарми ва гайра маълумот пайдо мекунад.

3.Замина барои инкишофи нутк дар асоси муносибати эмотсионали бо калонсолон гузошта мешавад: 1. Табассум, 2. Комплекси ба чушухурушои, 3. Садобарори (бо овоз садо бароварда агу-агу гуфта хушхол мешавад).

Дар 3-4 мохаги комплекси ба чушухурушои пайдо мешавад.

Дар охири давраи тифли 20-30 калимаро мефахмад ва аз 5 то 10 хиччохо ва калимахоро талаффуз мекунад. Инчунин ба инкишофи нутк амалиётхо бо ашёхо низ таъсир мерасонанд. Калима ягон ашё ё хусусияти ашёро ифода мекунад. Кудак ашёро мебинад ва садо мебарорад. Масалан: барои талаффуз кардани калимаи себ кудак бояд худи себро дида онро ба даст гирифта мулоими ва сахтиашро муайн кунад.

Дар ин давра кудак ба гаваккаши шуруъ мекунад ва то сини 1 солаги рохгардиро азхуд мекунад. Дар асоси идрок тафаккури кудак ташаккул меёбадамали фикри, яъне тафаккури аёни-амали пайдо мешавад. Тафаккур мустакилона чун протссес вучуд дошта наметавонад. Кудак ашёро мебинад бо он амал мекунад ва дар бораи он ашё фикр мекунад агар набинад у фикр намекунад. То 8 мохаги кудак ашёро мебинад ва дар бораи он фикр мекунад , аммо чустучу намекунад, диккаташро аз як ашё ба дигар ашё ба осони гузаронида метавонад. Баъд аз 8 мохаги кудак ашёро чустучу мекунад ва мефахмад, ки ашёхо доимо вучуд доранд. (гарчанд кудак он ашёро набинад хам ашё дар атроф мавчуд аст) ва ашёхо дар шуури кудак инъикос меёбад. Тафаккур аз идрок канда шуда мустакил мешавад.

Навоварихо:

1. Фаъолияти пешбаранда.
2. Инкишофи манипулятсия.
3. Инкишофи идрок.
4. Замина барои инкишофи нутк.
5. Инкишофи тафаккур.
6. Гаваккаши.

Кудакон аз хамдигар бо фаъол ва логар (пассив) буданашон фарк мекунанд.